**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# БАРНОМАИ НАМУНАВИИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ОМӮЗИШӢ БАРОИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ МАТЕМАТИКА ОИД БА МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМ

Душанбе - 2017

**Мураттибон**: Қурбонов С., Ҳалимов А.

**Мушовирон**: Алиев А., Ниёзов Ф., Исоева Д.

**Муқарризон**:
Ҷумъаев К.Қ . – дотсенти кафедраи геометрия ва МТМ -и ДМТ,
Буронов М.- омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табии-риёзии МД ДҶТИБКСМ;
Дагиев Н. - мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ.

**Муҳаррир**: Зайнаббонуи Қувваталӣ – мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ.

Барномаи мазкур намунавӣ буда, бо мақсади омода намудани омӯзгорони фанни математика барои татбиқи стандарти фанниии нав ва гузариш ба муносибати таълими салоҳиятнокӣ таҳия шудааст. Барномаи таълимии мазкур омӯзгоронро бо назария, принсип, методологияи таълиму тарбия ва арзёбӣ дар таълими салоҳиятнокӣ шинос намуда, ба онҳо имконияти дарк ва истифодаи стандарти нави фанро фароҳам меорад.

Барнома мавзӯъ ва мундариҷаи ҳар як машғулият ва маҷмӯи салоҳиятҳои омӯзгоронро, ки дар натиҷаи азхуд кардани мавзӯъҳо ба даст меоранд, таҷассум мекунад.

Гузариш ба муносибати нави таълим аз омӯзгорон дониш, малака ва маҳорати касбиро талаб мекунад, аз ин лиҳоз барномаи таълимии мазкур самтҳои самараноку таҳқиқшудаи илмҳои педагогика, психология ва методикаи таълимро баррасӣ карда, омӯзгоронро бо донишҳои зарурӣ мусаллаҳ мегардонад.

**Бо қарори Шӯрои олимони ДҶТИБКСМ аз 30.06.2017, таҳти № 7/5 ба чоп тавсия гардидааст.**

## Пешгуфтор

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро соҳиб бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифату аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки барои дастрас кардани ахбор (маълумот) воситаҳои гуногунро истифода намоянд. Маълумоти бадастовардаро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ намуда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд. Мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, ҷомеа ва кишвар дарк намоянд.

Дар шароити кунунии Тоҷикистон вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои ахборӣ (интернет, телевизион ва ғайраҳо) танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя нест. Дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии наврасону ҷавонон ва ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм пайваста кӯшиш менамоянд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон гардонда, тадбирҳои мушаххасро амалӣ гардонанд. Ҳамин буд, ки соли 2012 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи рушди маориф барои солҳои 2012-2020»-ро ба тасвиб расонд. Тибқи ин ҳуҷҷат то соли 2020 стандарту барнома ва китобҳои дарсӣ бояд таҷдиди назар шуда дар асоси муносибатҳои салоҳиятнокӣ таҳия карда шаванд.

Барномаи таълимии зерин барои 48 соат тартиб дода шудааст. Мазмун ва мундариҷаи барномаи мазкур дар як модули таълим, ки аз чор фасл иборат аст, баррасӣ мешавад:

Фасли I. Муносибати босалоҳият дар таълими фанни математика;

Фасли II. Асосҳои назариявӣ, методии муносибати босалоҳият дар таълим ва омӯзиши фанни математика;

Фасли III. Банақшагирии дарси математика дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим;

Фасли IV. Арзёбӣ аз фанни математика дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим.

Фасли якум “Муносибати босалоҳият дар таълими фанни математика” ном дорад. Дар фасли мазкур масъалаҳои зарурати тағйири муносибат ба таълими анъанавӣ, муносибати сохторӣ ва функсионалӣ дар таълими математика, мафҳумҳои асосӣ, шаклҳо ва таснифоти муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим, мафҳуми салоҳиятҳои фаннӣ ва асосӣ, салоҳиятҳои арифметикӣ, алгебравӣ, геометрӣ ва марҳалаҳои ташаккули онҳо баррасӣ карда мешаванд.

Фасли дуюм “Асосҳои назариявӣ, методии муносибати босалоҳият дар таълим ва омӯзиши фанни математика” ном дошта, дар фасли мазкур асосҳои назариявии таълими босалоҳият, технологияҳои педагогӣ ва корҳои лоиҳавии

хонандагон дар муносибати босалоҳият дар таълим таълими салоҳиятнокӣ муҳокима ва таҳлил мешаванд.

Фасли сеюм “Банақшагирии дарси математика дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим” ном дошта ин фасл ба омӯзгорон имкони шиносоӣ бо мақсадгузорӣ ва банақшагирӣ аз фанни математикаро дар татбики муносибати босалоҳият фароҳам меорад. Ҳамчунин омӯзгорон бо таҳияи стандарти фан, барномаи таълимӣ ошноӣ пайдо карда, роҳнамо ва замимаҳои китоби дарсиро муҳокима, таҳлил ва банақшагириро машқ мекунанд.

Фасли IV “Арзёбӣ аз фанни математика дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим” ном дорад. Дар фасли мазкур ду ҷанбаи арзёбӣ дар дарси математика мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст: арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии ҷамъбастӣ. Ин ду усули арзёбӣ дар татбики муносибати босалоҳият мавқеи хос доранд. Шаклҳои гуногуни арзёбӣ барои муайян кардани сатҳи ташаккули салоҳиятҳо, мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо ёрӣ мерасонанд. Дар навбати худ арзёбии ҷамъбастӣ барои муайян кардани дастовардҳои таълимии хонанда дар марҳалаҳои муайяни раванди таълим низ тавсия мешавад.

**Мақсади барнома**

Мақсади асосии барномаи мазкур ташаккули дониш, малака ва маҳорати омӯзгорони фанни математика оид ба муносибати босалоҳият, ташаккули салоҳиятҳои хонандагон аз фанни мазкур, интихоби методҳои таълиму арзёбӣ барои татбиқи самараноки стандарт ва барномаи нави таълим мебошад.

**Талаботи барнома.** Омӯзгорон дар анҷоми курсҳои омӯзишӣ такмили ихтисос салоҳиятҳои зеринро ташаккул медиҳанд:

- моҳият, принсип ва назарияҳои таълими салоҳиятнокиро медонанд ва шарҳ дода метавонанд;
- муносибати сохторӣ ва функсионалиро дар таълими математика сарфаҳм меравад;
- мафҳуми салоҳият, салоҳиятнокиро дуруст дарк мекунад;
- салоҳиятҳои фаннӣ ва асосиро барои синфҳои муайян таҳия ва интихоб мекунад;
- ҳангоми банақшагирии раванди таълим марҳалаҳои ташакули салоҳиятҳои арифметикӣ, алгебравӣ ва геометриро ба инобат мегирад;
- салоҳиятҳои фанниро дарк карда, онҳоро тафсир дода метавонанд;
- ба мақсади ташаккули салоҳиятҳои фаннии хонандагон усули мувофиқи таълимро интихоб мекунанд ва дар нақшаи дарс инъикос карда метавонанд;
- ба мақсади муайян кардани сатҳи ташаккули салоҳиятҳои хонандагон восита ва усулҳои мувофиқи арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастиро интихоб карда метавонанд;
- ба мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дарсҳоро дар қолабҳои гуногун нақшаи дарс таҳия карда метавонанд;
- барои ташаккули салоҳияти таълимии хонандагон ва қонеъ намудани талаботи стандартҳои фаннӣ роҳнамои омӯзгор ва замимаҳои китобҳои дарсиро мувофиқи мақсад истифода мебаранд;

- метод ва стратегияҳои самараноки таълими фанҳои гуногуни синфҳои ибтидоиро ба мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагон интихоб ва истифода мебаранд;
- дарсро мувофиқи талаботи стандарт ва ба мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагон ба нақша гирифта метавонанд;
- воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастиро ба мақсади назорати сатҳи ташаккули салоҳиятҳо ва расонидани ёрии амалӣ ба хонандагон интихоб мекунанд ва истифода бурда метавонанд.

**Нақшаи**
**тақвимии барномаи курси омӯзишӣ**
**барои омӯзгорони фанни математика**

| № қисм | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | назариявӣ | амалӣ |
| | Муқаддима | | | |
| I | **Муносибати салоҳиятнокӣ дар таълими фанни математика** | **18** | | |
| 1.1. | Зарурати тағйири муносибат ба таълим | 2 | 1 | 1 |
| 1.2. | **Омӯзиши математика дар муносибати таълими салоҳиятнокӣ** | 2 | 1 | 1 |
| 1.3. | Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим: мафҳумҳои асосӣ, шаклҳо ва таснифот | 2 | 1 | 1 |
| 1.4. | Салоҳиятҳо дар таълим. Мафҳуми салоҳиятҳои фаннӣ ва болоифаннӣ | 4 | 1 | 3 |
| 1.5. | Салоҳиятҳои арифметикӣ. Марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳои арифметикӣ | 3 | 1 | 2 |
| 1.6 | Салоҳиятҳои алгебравӣ ва марҳалаҳои ташаккули онҳо | 4 | 2 | 2 |
| 1.7. | Салоҳиятҳои геометрӣ ва марҳалаҳои ташаккули онҳо | 3 | 1 | 2 |
| II | **Асосҳои назариявӣ, методии таълими салоҳиятнокӣ дар омӯзиши фанни математика** | **8** | | |
| 2.1. | Асосҳои назариявии таълими салоҳиятнокӣ | 3 | 1 | 2 |
| 2.2. | Технологияҳои педагогӣ ва таълими салоҳиятнокӣ | 3 | 1 | 2 |
| 2.3. | Корҳои лоиҳавии хонандагон дар таълими салоҳиятнокӣ | 2 | 1 | 1 |
| III | **Банақшагирии дарси математика дар таълими салоҳиятнокӣ** | 14 | | |
| 3.1. | Мақсадгузорӣ дар таълими салоҳиятнокӣ | 3 | 1 | 2 |
| 3.2. | Банақшагирӣ дар таълими салоҳиятнокӣ | 4 | 1 | 3 |
| 3.3. | Муносибат ба таҳияи стандарт ва барномаи таълимӣ дар таълими салоҳиятнокӣ | 4 | 1 | 3 |
| 3.4. | Кор бо роҳнамо ва замимаҳои китоби дарсӣ | 4 | 1 | 3 |
| IV | **Арзёбӣ аз фанни математика дар таълими салоҳиятнокӣ** | **5** | | |
| 4.1. | Шаклҳои арзёбии фанни математика дар таълими салоҳиятнокӣ | 3 | 1 | 2 |
| | Тести ҷамъбастӣ ва анҷоми омӯзиш | 2 | | 2 |
| Ҷамъ: | | 48 | | |

**I. Муносибати салоҳиятнокӣ дар таълими фанни математика**

**1.1. Зарурати тағйири муносибат ба таълим.** Сарчашмаҳои низоми анъанавии таълим. Методологияи шарҳӣ-аёнӣ дар низоми анъанавии таълим. Хусусиятҳои низоми синфӣ-дарсӣ. Махсусияти барномаҳои таълим дар низоми анъанавӣ. Вазифаҳои асосии таълими анъанавӣ ва хусусияти тазаккурӣ доштани таълим дар он.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- моҳияти таълими анъанавиро шарҳ медиҳад;
- дар бораи бартарӣ ва норасоии таълими анъанавӣ мулоҳизаҳояшро мегӯяд;
- омилҳои устуворкунандаи низоми таълими анъанавиро номбар мекунад.

**1.2. Омӯзиши математика дар муносибати таълими салоҳиятнокӣ**

Мафҳуми муносибати сохторӣ дар таълими математика. Принсипи таҳияи китобҳои дарсӣ дар таълими сохторӣ. Махсусияти фаъолияти хонанда дар таълими анъанавӣ. Таълими функсионалӣ ва такя ба таҷрибаи ҳаётии хонанда. Назарияҳои педагогии минтақаи актуалии рушд, омӯзиши проблемавӣ.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- муносибати сохторӣ ва функсионалиро дар таълими математика фарқ мекунад;
- моҳияти таълими функсионалиро шарҳ медиҳад;
- ба таълими функсионалӣ мисол меорад.

**1.3. Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим: зарурат, мафҳумҳои асосӣ, шаклҳо ва таснифот.**

Зарурати гузариш ба муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим. Ҷаҳонишавӣ ва ворид гардидан ба системаи ягонаи таҳсилот ва талаботи Системаи балонӣ. Талими анъанавӣ ва инкишофи хотир. Тағйир ёфтани моҳияти дониш ва таҷрибаи ҷомеа. Тағйирот дар принсипҳои дидактикии таълим. Зарурати ворид намудани тағйирот ба мундариҷаи таълим. Фалсафаи муносибати таълими салоҳиятнокӣ. Зарурати ислоҳоти соҳа бо назардошти талаботи муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим. Мафҳумҳои “салоҳият” ва “босалоҳият”.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- маънии калимаи салоҳиятро шарҳ медиҳад;
- ба салояҳиятнокӣ мисол меорад, хусусиятҳои шахси салоҳиянокро мефаҳмонад;
- салоҳиятҳои барои таълими математика муҳимро дарк мекунад;
- ба салоҳиятҳои хонанда мисол мерад.

**1.4.Салоҳиятҳо дар таълим. Мафҳуми салоҳиятҳои фаннӣ ва болоифаннӣ.**

Вазифаи мактаб ва маориф дар назди ҷомеа. Салоҳиятнокӣ ва иҷтимоишавии шахс. Инсони асри бисту як дар шароити ҷаҳонишавӣ ва омезиши фарҳангҳо ва салоҳиятҳо. Намунаи салоҳиятҳои болоифаннӣ. Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ. Салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ. Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқӣ. Салоҳиятҳои худшиносӣ ва мустақилият. Салоҳиятнокӣ ва ташаккули масъулиятшиносии иҷтимоӣ.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- салоҳиятҳои барои таълими математика заруриро медонад;
- малака ва маҳоратҳоеро, ки ҳангоми таълими математика заруранд, номбар мекунад;
- салоҳиятҳои фаннӣ ва болоифанниро фарқ мекунад;
- салоҳиятҳои муҳимтарини болоифанниро ҳангоми таълими математика номбар мекунад ва шарҳ медиҳад;
- аҳамияти салоҳиятҳои болоифанниро дар таълими математика асоснок мекунад.

**1.5. Салоҳиятҳои фаннӣ. Марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳои арифметикӣ.** Муносибати мушаххас ба таълими салоҳиятнокӣ. Ташаккули салоҳиятҳои арифметикӣ, алгебравӣ ва геометрӣ дар таълими математика. Салоҳиятҳои арифметикӣ ва инкишоф додани қобилият, маҳорати корбасти дурусти маҷмӯи ададҳо дар ифодаҳои ададӣ ва ҳисобкуниҳо . Марҳалаҳои ташаккули салоҳияти арифметикӣ. Салоҳиятҳои арифметикӣ ва натиҷаҳои таълим. Кор бо ташаккули салоҳиятҳои арифметикӣ.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- нуктаҳои асосиро дар таълими математика ҷудо мекунад;
- малакаҳои ҳангоми таълими математика муҳимтаринро номбар мекунад ва шарҳ медиҳад;
- муҳим будани проблемагузориро дар дарс дарк мекунад;
- марҳала ба марҳала ташаккул ёфтани салоҳиятҳои хонандагонро сарфаҳм меравад;
- бо муносибати салоҳиятнокӣ дарс таҳия мекунад.

**1.6. Салоҳиятҳои алгебравӣ ва марҳалаҳои ташаккули онҳо**

Салоҳиятҳои алгебравӣ ба ташаккули қобилияти корбурди проблемаҳои математикӣ дар ҳаёт нигаронида шудаанд. Салоҳиятҳои алгебравӣ аз самтҳои "ифодаҳои алгебравӣ", "муодилаҳо ва нобаробариҳо", "функсияҳо ва графикҳо", "коркарди маълумот" иборат аст. Дар ин самтҳо хонандагон малакаву маҳорат ва қобилияти худро дар самти ҳисобкунӣ аз рӯи формула, истифодаи воҳидҳои

ченакҳо дар масъалаҳои матнӣ, супоришҳои ҳаётӣ ва ниҳоят дар ҳаётӣ ҳаррӯза низ ривоҷ медиҳанд.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- салоҳиятҳои алгебравиро дар таълими математика шарҳ медиҳад;
- марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳои иртиботиро мефаҳмад, онҳоро аз ҳам фарқ мекунад;
- унсурҳои иловагиро дар ташаккули салоҳиятҳои алгебравӣ фарқ мекунад, моҳияти онҳоро дар ташаккули салоҳияти иртиботӣ асоснок мекунад;
- барои ташаккули салоҳияти алгебравӣ силсилаи дарсҳоро таҳия карда метавонад.

### 1.7. Салоҳиятҳои геометрӣ ва марҳалаҳои ташаккули онҳо

Салоҳиятҳои геометрӣ ба ташаккули қобилияти истифодаи шаклию фазоии математикӣ дар ҳаёт нигаронида шудаанд. Салоҳиятҳои геометрӣ аз самтҳои "планиметрия", "стериометрия" иборатанд. Дар ин самтҳо хонандагон малакаву маҳорат ва қобилияти худро дар самти ёфтан ва муайян намудан, сохтан ва табдил додан, исбот кардани шаклҳои геометрӣ, супоришҳои ҳаётӣ ривоҷ медиҳанд. Дар ин ҷо асосан мафҳумҳои шаклӣ ва муносибати байни онҳо таълим дода мешаванд. Дар барномаи таълим маълумот дар бораи мафҳумҳои шаклию фазогӣ ва муносибати байни онҳо оварда шудааст, ки шумо метавонед муфассалтар бо ин мафҳум шинос шавед.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- салоҳиятҳои геометриро дар таълими математика шарҳ медиҳад;
- марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳои геометриро мефаҳмад, онҳоро аз ҳам фарқ мекунад;
- ҷузъҳои иловагиро дар ташаккули салоҳиятҳои геометрӣ фарқ мекунад, моҳияти онҳоро дар ташаккули салоҳияти геометрӣ асоснок мекунад;
- барои ташаккули салоҳияти геометрӣ силсилаи дарсҳоро таҳия карда метавонад.

## II. Асосҳои назариявӣ, методии таълими салоҳиятнокӣ дар омӯзиши фанни математика

### 2.1. Асосҳои назариявии таълими салоҳиятнокӣ

Решаҳои таълими салоҳиятнокӣ. Давраҳои ташаккули таълими салоҳиятнокӣ. Н. Хомский ва мафҳуми салоҳиятнокӣ дар таълим.

Давраи аввали ташаккули таълими салоҳиятнокӣ ва мушаххасоти мафҳумҳои "салоҳият", "салоҳиятнокӣ". Марҳалаи дуюми ташаккули таълим салоҳиятнокӣ - солҳои 1970-1990. Тадқиқоти Ҷ. Равен "Салоҳият дар ҷомеаи муосир". Салоҳиятҳо ва талаби ҷомеа. Салоҳиятҳо ва мафҳумҳои "омодагӣ", "қобилият", ҳолатҳои психологии "масъулият", "бовар" бештар ба кор бурда мешаванд. Мулоҳизаи

олимон вобаста ба миқдори салоҳиятҳо, инчунин роҳҳои тарбияи хонандагон барои соҳиб шудан ба салоҳияти нав аз хатмкунандаи мактаб. Марҳалаи сеюми ташаккули таълими салоҳиятнокӣ ва таваҷҷуҳи ҷомеаи муосир ба низоми маориф.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- саpчашмаҳои пайдоиши салоҳиятнокиро шарҳ медиҳад;
- таърихи ташаккули таълими салоҳиятнокиро медонад;
- талаботи асосиро ба таълими салоҳиятнокӣ шарҳ медиҳад.

**2.2. Технологияҳои педагогӣ ва таълими салоҳиятнокӣ**

Фаъолият ва таҷрибаи амалии таълимии (маърифатии) хонанда маҳаки асосии муносибати салоҳиятнок ба таълим. Шаклҳои нави таълиму омӯзиш ва истифодаи технологияҳои нави педагогӣ. Технологикунонии омӯзиш яке аз самтҳои илми педагогика. Методи таълим. Усулҳои таълим. Технологияи таълими фаъол. Технологияи таълими ба ташаккули шахсият нигаронидашуда. Технологияи таълими интерактивӣ. Технологияи омӯзиши лоиҳавӣ.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- мафҳуми технологияи таълимро шарҳ медиҳад;
- методҳои таълимро аз технология фарқ мекунад;
- ба технологияҳои педагогӣ ва методҳои таълим мисолҳо меорад;
- бо методҳои зикршуда намунаи дарс омода карда метавонад.

**2.3. Корҳои лоиҳавии хонандагон ва таълими салоҳятнокӣ.** Таърихи пайдоиш ва ташаккули методи лоиҳаҳо. Ақидаҳои Ҷ. Дюи, Лай, Торндайк – асоси методи лоиҳаҳо. Мақсади таълими лоиҳавӣ. Низоми фаъолияти омӯзгор ва хонанда дар методи лоиҳаҳо. Мавзӯъҳои имконпазири лоиҳаҳои таълимӣ. Меъёрҳои баҳодиҳӣ, дастовард ва мақсади лоиҳа.

**Натиҷаҳои таълим:**

- моҳияти корҳои лоиҳавии хонандагонро дар дарси математика шарҳ медиҳад;
- мавқи истифодаи онҳоро дар фаслу бобҳои барнома дуруст интихоб мекунад;
- намунаи корҳои лоиҳавиро омода карда метавонад.

**III. Банақшагирии дарси математика дар таълими салоҳиятнокӣ**

**3.1. Мақсадгузорӣ дар таълими салоҳиятнокӣ**

Мақсади дарс дар таълими салоҳиятнокӣ. Марҳалаҳои ташаккули салоҳият ва мақсадҳои дарс. Мақсади силсилаи дарсҳо оид ба мавзӯъ. «SMART-мақсадҳо».

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- чӣ будани мақсадро дар дарс шарҳ медиҳад;

- мақсадҳои дарсро аз рӯйи мавзӯъ ва марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо таҳия мекунад;
- сабаби иштироки хонандагонро дар мақсадгузорӣ шарҳ медиҳад;
- аз рӯйи мавзӯъ мақсадҳои дарс ва натиҷаҳои онро таҳия мекунад.

***3.2. Банақшагирӣ дар таълими салоҳиятнокӣ.*** Моҳияти банақшагирӣ дар муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим. Нақшаи ташаккули салоҳиятҳо ва мутобиқ сохтани он ба раванди таълим. Банақшагирии спиралӣ ва технологияи таълими фаъол аз рукнҳои асосии татбиқи муносибати салоҳиятнок.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**
- моҳияти банақшагириро дар таълими салоҳиятнокӣ шарҳ медиҳад;
- алоқамандии банақшагириро бо мақсадҳои дарс шарҳ медиҳад;
- алоқамандии банақшагириро бо марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо нишон медиҳад;
- силсилаи дарсҳоро бо назардошти ташаккули салоҳиятҳо таҳия мекунад.

**3.3. Муносибат ба таҳияи стандарт ва барномаи таълимӣ дар таълими салоҳиятнокӣ.** Стандарт ва барномаи таълим ҳамчун санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти омӯзгор ва хонанда. Стандарти фанни «Математика» ва муносибати комилан дигар ба таълими масъалаҳои математикӣ. Истифодаи масъалаҳои ҳаётӣ дар таълими математика. Стандарти фанни «Математика» барои хонандагони синфҳои 5-11 ҷузъи таркибии маҷмӯаи стандартҳои фанни зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ. Муҳтавои фанни математика, ташаккули салоҳиятҳои арифметикӣ, алгебравӣ ва геометрӣ. Фанни «Математика» чун воситаи дарки ҳаёти воқеӣ.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**
- марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳоро аз рӯйи мавзуи интихобшуда фарқ мекунад, онҳоро шарҳ медиҳад;
- марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳои арифметикӣ, алгебравӣ ва геометриро ба силсилаи дарсҳо аз рӯйи мавзӯъ мутобиқ интихоб мекунад;
- силсилаи дарсҳоро бо нишон додани марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо таҳия мекунад.

**3.4. Кор бо Роҳнамо ва замимаҳои китоби дарсӣ.** Шиносоӣ бо намунаи Барномаи таълимӣ математика. Интихоби намунаҳо аз Роҳнамои омӯзгор барои синфи 5, 6. Таҳлили роҳнамо..

**Натиҷаҳои омӯзиш:**
- марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳоро аз рӯйи мавзӯъ нишон медиҳад;

- силсилаи дарсҳоро оид ба салоҳияти арифметикӣ ва салоҳияти геометрӣ таҳия мекунад.

**IV. Арзёбӣ аз фанни математика дар таълими салоҳиятнокӣ**

**4.1. Арзёбӣ дар таълими салоҳиятнокӣ.** Мафҳуми арзёбӣ. Мақсад, принсипҳои арзёбӣ дар таълими салоҳиятнокӣ. Мақсадгузорӣ ва сатҳи ташаккули малакаҳо. Муносибат, усул ва воситаҳои арзёбӣ дар таълими салоҳиятнокӣ. Муносибати арзёбӣ бо банақшагирӣ. Ташхиси тағйирот дар сатҳи омодагии салоҳиятҳои хонанда. Навъҳои арзёбӣ.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- мафҳуми арзёбиро шарҳ медиҳад;
- махсусияти арзёбиро дар таълими анъанавӣ ва салоҳиятнокӣ муқоиса мекунад;
- навъҳои арзёбӣ ва мавқеи истифодаи онҳоро шарҳ медиҳад.

**РӮЙИХАТИ АДАБИЁТ**


1. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 1. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-65с.
2. Банақшагирии дарс дар асоси стандартҳо, китоби дарсӣ ва замимаҳо (Дастур барои омӯзгор). Модули 2. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-73с.
3. Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. – № 10. – С. 8-14.
4. Делор Ж. Образование: сокрытое сокровище. UNESCO,1996.
5. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004
6. Лутфулоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик(осори педагогӣ, ҷилди 6).– Душанбе. –2015, 704 саҳ.
7. Мединцева И. П. Компетентностный подход в образовании / И. П. Мединцева // Педагогическое мастерство: материалы II междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). — М.: Буки-Веди, 2012.
8. Методика дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 3. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-141с.
9. Мирсеитова С. Обучение как поиск и поиск для обучения: формы и методы развития критического мышления обучающихся. -КазАЧ, 2011
10. Низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 1. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-36с.
11. Петровская Л.А. Компетентность в общении.- М., 1989.
12. Равен Дж. Компетентность в современном обществе.Выявление, развитие и реализация. -М., 2002. (англ. 1984).
13. Сафин Д., Мусина Р., Мухторӣ Қ., Қурбонов С. ва диг. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ. -Душанбе, 2007.- 376 с.
14. Стратегия модернизации содержания общего образования. Материалы для разработки документов по обновлению общего образования. -М., 2001.
15. Троянская С.Л. Основы компетентностного подхода в высшем образовании, Учебное пособие для студентов магистратуры психолого-педагогических направлений подготовки, издательский центр «Удмуртский университет». – 2016, 176 стр.

16. Хуторской А.В. Технология проектирования ключевых и предметных компетенций // Интернет-журнал "Эйдос". - 2005. - 12 декабря. http://www.eidos.ru/journal/2005/1212.htm.
17. Чернилова Н.Г. Система проектного обучения как инструмент развития самостоятельности старшеклассников. -Саратов, 1997.

Ба чопхона 05.06.2017 супорида шуд.
Ба чоп 20.06.2017 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/16.Ҷузъи чопии шартӣ 1,75
Теъдод 100 нусха.

Барнома дар Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад 13[а]
Тел.: 227-48-09. E-mail: mmarkaz@list.ru